**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)

Парвандаи аттестатсионии №___________________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 31.01.2026, №21

Барои сазовор донистани Шерализода Орзуҷон Зафар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзаи илмҳои биологӣ.

Диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзӯи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш (ширинбия (*Glycyrrhiza glabr*a L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» аз рӯй ихтисоси 03.03.01 – Физиология ба ҳимоя 17.10.2025 қабул карда шуд, суратҷаласаи №17 шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, www.tnu.tj ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 240/шд аз 30.06.2025 тасдиқ шудааст).

Довталаби дараҷаи илмӣ Шерализода Орзуҷон Зафар 14 сентябри соли 1991 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шерализода Орзуҷон Зафар соли 2015 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – ро бо ихтисоси муаллими биология – химия хатм намудааст. Соли 2024 Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов – ро аз рӯйи ихтисоси муаллими тарбияи ҷисмонӣ (гӯштини миллӣ) хатм намудааст. Солҳои 2016 – 2021 ассисенти кафедраи тибби варзишии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, аз соли 2021 то айни замон муаллими калони кафедраи тибби варзишии Донишкадаи зикргардида.

Шерализода О.З. аз соли 2021, унвонҷӯи кафедраи анатомия ва физиологияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буд.

Солҳои 2022 – 2025 муовини декан оид ба корҳои таълим дар факултети варзиши Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов ва аз соли 2025 то айни ҳол муовини декан оид ба корҳои

таълим дар факултети тарбияи ҷисмонии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи анатомия ва физиологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов гузаронида шуд. Таҳлилҳои озмоишӣ дар озмоишгоҳҳои муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба анҷом расонида шуд.

Роҳбари илмӣ: **Шамсудинов Шаъбон Нажмиддинович** – номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи анатомия ва физиологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Муқарризони расмӣ:

**Табариён Баҳром Сафар** – доктори илмҳои тиб, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи тибби бунёдии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

**Устоев Беҳзод Раҳимҷонович** – номзади илмҳои биологӣ, муаллими калони кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот ба номи академик Х.М.Сафаров, факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар, **Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон”.**

Дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи эксперт, доктори илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 03.03.01.–Физиология, дотсенти кафедраи физиологияи нормалӣ ва патологии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон Ҳалимова Ф.Т. имзо шудааст қайд шуд, ки кори диссертатсионии Шерализода Орзуҷон Зафар аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асоснокии хулосаҳо ба талаботи боби 3 бандҳои 76, 79 ва 81-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 № 267 ( бо тағийру иловаҳо аз 26.06.2023 № 295), ки барои рисолаҳои номзади пешниҳод гардидааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология ҷавобгӯ мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шерализода Орзуҷон Зафар оид ба мавзуи диссертатсия 15–кори илмӣ, аз ҷумла 9 – мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

инчунин 6 – мақолаи илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар конференсҳои илмӣ – амалӣ нашр намудааст.

Таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст:

[1–М]. Мирзоев О. З. Хусусиятҳои таъсири адаптогенҳои набототӣ дар тиб “Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ”. – Душанбе. – 2022 - №4(16). – С.320-324.

[2–М]. Мирзоев О. З. Омӯзиши намояндаҳои гурӯҳи адаптогенҳои набототӣ (заринреша, мардумгиёҳ, ширинбия ва ғайра). “Илм ва фановари Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”. - Душанбе. – 2023 - №1. – С.221-228.

[3–М]. Мирзоев О. З. Таъсири фармакологии растании адаптогении заринреша ба ҳолати функсионалии варзишгар. / О.З. Мирзоев., А.Р. Қурбонов // М “Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ”. – Душанбе. – 2023 - №1.(17). – С.164-168.

[4–М]. Мирзоев О. З. Хусусиятҳои адаптогени ва ботаникии ширинбия (Glycyrrhiza L.) ва качим (Gypsophila L.) дар амалияи муосири варзишӣ / О.З. Мирзоев., М.А. Малаева // М. “Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Илм ва фановарӣ”. - Душанбе. - 2023 - №4. – С.195-204.

[5–М]. Мирзоев О. З. Таҳияи таркиб ва технологияи бадастории шарбат аз решаҳои ширинбия, заринреша ва качим / О.З. Мирзоев, Ҷ.Н.Ҷалилов, М. А.Малаева // М. “Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Илм ва фановарӣ”. - Душанбе. - 2024- №3. – С.171-178

[6–М]. Шерализода О. З. Таъсири муқоисавии мутобиқкунандаҳои набототӣ бо нишондодҳои физиологии варзишгарон. “Донишгоҳи миллии Тоҷикистон . Илм ва фановарӣ”. - Душанбе. - 2024 - №4. – С.268-275.

[7–М]. Шерализода О.З. Таъсири шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба нишондодҳои сурхи хун. / Шерализода О.З., Шамсудинов Ш. Н. // “Донишгоҳи миллии Тоҷикистон . Илм ва фановарӣ”. - Душанбе. - 2025, №1, С.271-278.

[8–М]. Шерализода О. З. Таъсири шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба миқдори лейкоситҳо ва фаъолияти фагоситарии нейтрофилҳо. / Шерализода О. З., Шамсудинов Ш. Н., Малаева М. А. // “Паёми Донишгоҳи давлатии омӯгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ”. – Душанбе. –- 2025.

[9–М]. Шерализода О. З. Таъсири шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба нишондодҳои системаи нафаскашӣ ва қувваи дастон, дар варзишгарони соҳаи гӯштингирӣ. / Шерализода О. З., Шамсудинов Ш. Н., Малаева М. А., Эшова Н.Ш. // "Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ". – Душанбе. –2025.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ нашршуда:**

[10–М]. Мирзоев О. З. Истифодаи заринреша дар тибби халқӣ ва муосир / О.З.Мирзоев, А.Р. Қурбонов //Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба "65-солагии таъсисёбии факултети биологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ". – Душанбе.- 2023 – С.34-36

[11–М]. Мирзоев О.З. Паҳншавии бофтаи чарбуӣ ва мушакҳои склетии кундаланграх дар одамони фарбеҳ / Ш.Н.Шамсудинов, Ф.Ҳ.Каримова, О.З.Мирзоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи "Ҷанбаҳои экологӣ- физиологии фаъолияти системаҳои зинда бо таъсири омилҳои гуногуни муҳит" бахшида ба 70-солагии доктори илмҳои биология, профессор Устоев М.Б. - Душанбе 2024- С.344-351

[12–М]. Мирзоев О. З. Коркарди шарбат аз решаҳои заринрешаи гуногундандон/ О.З.Мирзоев, Ҷ.Н.Ҷалилов, С.М.Давлатқадамов «Муолиҷаи илмӣ ва инноватсионии муассисаи Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро ба номи А.И.Сино». - Ҷумҳурии Ӯзбекистон - 2024-№4.

[13–М]. Шерализода О.З. Таъсири шарбати мутобиқкунандаҳои набототи ширинбия, заринреша ва качим ба нишондодҳои системаи нафаскашӣ ва қувваи дастон дар варзишгарони соҳаи гӯштингирӣ. / Шерализода О.З., Шамсудинов Ш.Н., Малаева М.А. // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами тарбияи ҷисмонии наврасону ҷавонон" Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Душанбе 2025. С- 242-247.

[14–М]. Шерализода О.З. Таъсири шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба нишондодҳои системаи лахташавии хун. / Шерализода О.З., Шамсудинов Ш.Н. // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Душанбе 2025.

[15–М]. Шерализода О.З. Таъсири шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба миқдори лейкоситҳо ва фаъолияти фагоситарии нейтрофилҳо. / Шерализода О.З. Шамсудинов Ш.Н. Малаева М.А. // Конференсияи илми ҳамкории байналмилалӣ "Илм ва маърифат" таҳти унвони

масъалаҳои мубрами назариявӣ - амалӣ” Федератсия Россия Шаҳри Пенза 2025 С.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои тиб, профессор ходими пешбари озмоишгоҳи илмӣ – тадқиқотии МД “Пажуҳишгоҳи тибби бунёдӣ” – и МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” Азонов Ҷ.А.- тақриз эрод надорад.
2. Доктори илмҳои тиб, дотсенти кафедраи фармакологияи МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” Юлдашева У.П.- тақриз эрод надорад.
3. Номзади илмҳои тиб, дотсенти кафедраи тибби оилавии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино. Муродов Н.М. - тақриз эрод надорад.
4. Номзади илмҳои биологӣ, ходими калони илмии озмоишгоҳи технологияи инноватсионии моддаҳои фаъоли биологии Иниститути ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ. Убайдулло М.О.- тақриз эрод надорад.

Дар тақризҳо муҳиммияти мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин кори диссертатсионии Шерализода Орзуҷон Зафар таҳқиқоти ба анҷомрасида тахассусии илмие мебошад, ки ба ихтисоси 03.03.01 – Физиология мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо нисбат ба соҳаи физиология ба дастовардҳои хуб ноил гаштаанд ва дар ин соҳа корҳои илмӣ ва аз рӯйи мавзуи интихобшуда таълифотҳои илмӣ доранд, аз ин лиҳоз ба кори диссертатсионӣ оид ба мубрамияти мавзуъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада баҳои холисона дода метавонанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд**, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

Дар рафти омӯзиш, маълум карда шуд, ки таъсири пурқувваткунандагии шарбати ширинбия, заринреша ва качим таркиби бойи моддаҳои фаъоли биологӣ дошта, ба нишондодҳои физиологӣ ва биохимиявии организми варзишгарон таъсири мусбӣ мерасонад. Раванди қобилияти барқароршавӣ ва коршоямии донишҷӯён, зимни истеъмоли шарбатҳои зикршуда **коркард карда шуд.**

Механизми таъсири шарбатҳои омӯхташаванда ба нишондодҳои физиологӣ ва биохимиявӣ **ошкор гардида,** маълум карда шуд, ки шарбатҳои омӯхташаванда миқдори эротроситҳо ва консентратсияи

гемоглобинро баланд гардонида, қобилияти ба оксиген таъминшавии бофта ва узвҳоро баланд мебардорад.

Ҳангоми таҳқиқот, аниқ карда шуд, ки истифолдаи ин шарбат қобилияти кашишхурии мушакҳо, басомади кори дил ва нафаскашӣ, фишори шараёнӣ муътадил нигоҳ дошта, роҳҳои барқароршавӣ ва қобилияти кории мушакҳо ҳангоми тамрин **пешниҳод шудааст.**

**Исбот шудааст,** ки шарбатҳои омӯхташаванда ба ҳосилшавии сафедаҳо мусоидат намуда, мубодилаи чарбҳо ва ангиштобҳоро муътадил мегардонанд.**Ҷорӣ намудани** натиҷаҳои назариявӣ ва амалии омӯзиш, дар курсҳои махсус дар кафедраи анатомия ва физиологияи одам, кафедраи тибби варзишӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ бо он асоснок карда шудааст,** ки ҳангоми истифодаи шарбатҳои мазкур, ки дар таркиби худ миқдори зиёди полифенолҳо доранд, ҳангоми истифодаи онҳо аз тарафи варзишгарон неруи сарфгардидаго таъмин намуда, қобилияти барқароршавии системаи физиологии баданро таъмин менамоянд.

Вобаста ба масъалагузории диссертатсия истифодаи самаранок бо усулҳои муосири физиологӣ ва биохимиявии таҳқиқот, коркарди статикии натиҷаҳо таъмин ва асоснок карда шуд. Эътимоднокии натиҷаҳоро бо истифода аз методҳои маъмули стандартӣ, истифодаи таҷҳизотҳои ченкунӣ, такроршавии натиҷаҳо дар доираи васеъи шароити тамрин, мутобиқати натиҷаҳои таҷрибавии таҷрибаҳои назоратӣ бо иттиолоти дигар муаллифон тасдиқ менамоянд.

Эътимотнокии натиҷаҳои ба даст овардашуда бо истифода аз методҳои муосири физиологӣ – биохимиявӣ, анализатори тағмаи ДНМ 600 – А, анализатори гемотологӣ, анализатори биохимиявӣ, силометр, спирометри электронӣ таъмин **баён шудааст.** Таъсиррасонии шарбатҳои ширинбия, заринреша ва качим ба миқдори лейкоситҳо ва қобилияти фагоситарии онҳо **ошкор гардидааст.** Ҳамчунин таъсири шарбатҳои омӯхташаванда ба фаъолнокии ферментҳои фосфатазаи ишқорӣ ва лактат дегироназа дар варзишгарони соҳаи гӯштингирӣ ва фаъолнокии биологии онҳо **омӯхта шудаанд**. Истифодаи усулҳои маъмулӣ ва муосир барои **аз нав такмил додани** таҳқиқот мусоидат мекунад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия,** барои самаранокии истифодаи методҳои нави ҳосил кардани шарбатҳои омӯхташаванда, имконият медиҳад, ки таркиби бойи биохимиявии ин моддаҳо бетағйир нигоҳ дошта шуда, хусусиятҳои органолиптикии шарбат беҳтар гардонида шуда, фурсати истифодааш

тулонӣ боқимонда ҳангоми дар давраи тамрини пуршиддат истифода намудани ин моддаҳои истифодашуда организми варзишгаронро ба шароити тағйирёбандаи варзишӣ мутобиқ мегардонад.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯи натиҷаҳои корҳои аз чоп баромадаанд метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар физиологияи патологӣ, тибби варзишӣ, физиологияи варзишӣ, биохимия курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексия оид ба физиологияи мушакҳо, физиологияи дил ва рагҳои хунгард дар факултетҳои биология, факултети варзиш, факултети тарбияи ҷисмонӣ ва донишгоҳҳои олӣ, методҳои коркардшударо метавонанд ҳангоми иҷрои корҳои лабараторӣ, нависондани корҳои курсӣ, рисолаи хатм ва магистрӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Тағйирёбии равандҳои физиологӣ , ҳангоми истеъмоли шарбати ширинбия, заринреша ва качим ва нақши онҳо дар раванди мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон **муайян карда шуданд.** Дар асоси натиҷаҳои ба дастомада, шарбатҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим **офарида шуд.**

Таъсири мутобиққунандаҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба фаъолияти кори дил, фишори шараёнӣ, басомади нафаскашӣ, қобилияти коршоямии мушакҳо, миқдори эритроситҳо, консентратсияи гемоглобин, миқдори лейкоситҳо, фаъолияти фагоситарии нейтрофилҳо, миқдори сафедаҳо, фаъолнокии ферментҳо, миқдори ангиштобҳо ва чарбҳо дар организми варзишгарони соҳаи гӯштингирӣ **муаррифӣ карда шуд**.

**Баррасии эътимодноки натиҷаҳои таҳқиқот** ба ҳосилкунӣ, таҳқиқ ва ҷустуҷӯи растаниҳои дорои бойи маводҳои фаъоли биологие, ки хусусияти мутобиққунандагӣ доранд, корҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ бахшида шудаанд. Дар корҳои олимон А.С.Ермолова, Л.Н.Зимова, М.Р. Кулиев, М.Н. Велиева, М.Н. Мамедова, В.Р.Галямова, М.В. Урунова, В. Г. Пашинский, Г.О. Рахимова, З.Т. Файзиева, Ҷ.Азонзод, М.Ҳоҷиматов ва дигарон таркиби химиявӣ ва хусусияти мутобиққунандагии растаниҳо омӯхта шудааст.

Таъсири баъзе набототҳои мутобиққунанда омӯхта шудааст. Маълумотҳои пешниҳодшуда имконият медиҳанд, ки оид ба методҳои ҳосилкунии механизми таъсири мутобиққунандаҳо ба нишондодҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва истифодаи ин пайвастагиҳо хулосаи муайян бароварда шавад.

Таҳлили адабиётҳои илмӣ нишон дод, ки шарбатҳои ширинбия, заринреша ва качим солҳои охир дар тибби халқӣ, тибби муосир ба сифати маводҳои доруворӣ ҳангоми илтиҳоби шадиди роҳҳои нафас, камхунӣ, бемадорӣ, беқувватӣ, пастшавии нишондодҳои системаи масуният ва хасташавии асабӣ васеъ истифода бурда мешавад.

**Ғояе асоснок шудааст,** ки дар асоси он, таҳлили амалияи хулосаи муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба монандиҳои мутобиқкунандаҳои набототӣ, ки дар таркибашон моддаҳои фаъоли биологӣ доранд, гузаронида шуд.

Тафсири натиҷаҳои ба даст омада бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ва таҳлили оморӣ **истифода шудаанд.** Такмили ва ҳосил кардани шарбати ширинбия, заринреша ва качим таъсири он ба нишондодҳои физиологӣ ва биохимиявии организми варзишгарон **муайян шудаанд.** Таъсири мутобиқкунандаҳои набототӣ ба организми варзишгарон аз рӯйи талаботи фармакопияи давлатӣ гузаронида шуда, усулҳои муосири таҳлил **истифода шудаанд**.

Дар рафти таҳқиқот, варзишгарони соҳаи гӯштингирӣ интихоб шуда, онроҳо ба се гурӯҳ ҷудо намуданд. Пеш аз шурӯъ намудани таҷриба тамоми нишондодҳои физиологӣ ва биохимиявӣ аз санҷиш гузаронида, ба гурӯҳи якум шарбати ширинбия бо миқдори 5мл дар давоми як шабонарӯз, гурӯҳи дуюм шарбати заринреша бо миқдори 5мл дар як шабонарӯз ва дар гурӯҳи сеюм шарбати качим бо миқдори 5 мл дар як шабонарӯз истифода намудаанд.

Нишондодҳои физиологӣ ва биохимиявиро баъди як маротиба қабул намудани шарбатҳои омӯхташаванда ва баъди як моҳи истеъмол аз санҷиш гузаронида шудааст. Санҷишҳо дар ҳолати оромӣ ва дар заминаи тамрин бо усулҳои Шафранский, Генчи ва Штанге гузаронида шуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** Ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиёти илмӣ, ҳалли масъалаҳо, гузаронидани таҳқиқот, таҳлил дар шароити озмоишгоҳӣ ва толорҳои варзишӣ, баҳодиҳии натиҷаҳои ҳосилшуда, шарҳи натиҷаҳо, омода ва нашр намудани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои гуногун аз ҷониби муаллиф гузаронида шудаанд, инчунин аз баёни хулосаҳо ва мазмуни асосии диссертатсия иборат мебошад. Маводи асосии таҳқиқоти диссертатсия дар 15 маводи илмӣ, аз ҷумла 9 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима ва 4 боб, тавсифи маводҳо ва усулҳои таҳқиқотӣ, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 244 (188 номгӯй бо забони тоҷикӣ ва русӣ, 56 номгӯй бо забони англисӣ) иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 159 саҳифа таҳия шуда, дар он 24 ҷадвал ва 19 расм оварда шудааст.

Дар маҷлиси санаи 31.01.2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Шерализода Орзуҷон Зафар бо дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология баровард. Ҳангоми гузаронидаи овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 – нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм 5 – нафар аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

Аз 11 – нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, 10 – нафар иштирок доштанд ва овоз додаанд: тарафдор 10 – нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори
илмҳои биологӣ, профессор Қодиров Абдусалом Ҳафизович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ, Мирзоев Нуриддин Маҳмадович

31.01.2026.